# Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳот
ба лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027

Душанбе 2024

**МУНДАРИҶА:**

I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

III. Даромади буҷети давлатӣ

IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

V. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

VII. Мудофиа ва бехатарии давлат

VIII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

IX. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

X. Маблағгузориҳои асосӣ ва сиёсати сармоягузорӣ

XI. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

XII. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

XIII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

XIV. Буҷетҳои маҳаллӣ

XV. Касри буҷет

XVI. Шарҳи дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027

Буҷети давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2024, №7ф ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2024, №328 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 – 2027» таҳия гардидааст.

Даромади Буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳо, аз ҷумла даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет, грантҳо ва қарзҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ташаккул ёфтааст.

## I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 – 2027 маблағгузории самтҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии кишвар, бахусус бахшҳои афзалиятдошта, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин тадбирҳои дар барномаҳои миллӣ, консепсияҳо ва дигар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии барои давраи миёнамуҳлат пешбинишуда ва нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муқаррароти Кодекси андоз ба инобат гирифта шудаанд.

Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025 – 2027 барои амалӣ намудани муҳимтарин ҳадафҳои кишвар, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ҳамзамон зиёд намудани иқтидорҳои содиротӣ, саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани вобастагии бозори дохила аз молҳои воридотӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва амнияти кишвар, тавсеаи имкониятҳои транзитии ҷумҳурӣ, инчунин дар сатҳи тавсияшуда таъмин намудани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, равона шудааст.

Омилҳои асосии таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ:

- афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тавассути рушд додани иқтисодиёт, бахусус саноатикунонии босуръат ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, рушди соҳаҳои энергетика, хизматрасонӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, нақлиёт ва коммуникатсия;

- ба роҳ мондани усулҳои муосири маъмурикунонии андоз, васеъ намудани заминаи андозбандӣ, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои нави андозӣ;

- маниторинги доимии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукии амалкунанда;

- идомаи ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ;

- таъмини рушди устувори бозори молиявӣ бо мақсади ҷалб намудани сармоягузории ватанию хориҷӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории хурду миёна;

- дар сатҳи муътадил ва ба иқтисодиёт безарар нигоҳ доштани ҳаҷми қарзи берунӣ ва хизматрасонии саривақтии он;

- таъмини сиёсати дохилию берунаи давлатӣ, фаъолияти самараноки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- таъмини амнияти миллӣ ва бехатарии иқтисодии кишвар.

## II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

Тайи солҳои охир новобаста аз равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ ва таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди бонизоми иқтисоди миллӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида истодааст.

Мутобиқи маълумоти расмии оморӣ дар моҳҳои январ - августи соли 2024 суръати рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 8,3 фоиз баробар гардид, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоиз зиёд мебошад.

Рушди иқтисодӣ дар ин давра аз ҳисоби рушди саноат 13,2 фоиз, кишоварзӣ 1,8 фоиз, сохтмон 8,1 фоиз, хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ 16,5 фоиз, мусофиркашонӣ 8,8 фоиз ва гардиши савдо 11,8 фоиз таъмин гардид.

Суръати афзоиши воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ барои соли 2025 дар сатҳи 8,4 фоиз, соли 2026 – 8,0 фоиз ва соли 2027 – 8,2 фоиз, инчунин бо дарназардошти дурнамои рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт пешбинӣ шудааст.

Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ, яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккулдиҳандаи буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин бо дарназардошти истифода гардидани иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои амалкунанда ва навбунёд барои соли 2025 ба маблағи 71,5 млрд сомонӣ бо афзоиши номиналии 20,5 фоиз, дар соли 2026 ба маблағи

87,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 20,1 фоиз ва соли 2027 ба маблағи 106,4 млрд сомонӣ бо афзоиши 20,3 фоиз пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ барои солҳои 2025 - 2027 мутаносибат дар ҳаҷми 75,4 млрд сомонӣ, 82,5 млрд сомонӣ ва 90,9 млрд сомонӣ бо рушди воқеии 7,0 фоиз, 7,1 фоиз ва 7,5 фоиз муайян гардидааст.

Дурнамои боркашонӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт барои соли 2025 дар ҳаҷми 128,9 млн тонна, солҳои 2026-2027 мутаносибан 133,7 ва 139,1 млн тонна пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2025 – 26,7 млрд сомонӣ, соли 2026 31,3 млрд сомонӣ ва дар соли 2027-юм 36,0 млрд сомонӣ муайян гардидааст.

Гардиши савдои дохилӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 75,9 млрд сомонӣ бо суръати афзоиши воқеии он 8,4 фоиз, барои солҳои 2025-2026 бо таносуби 85,6 млрд сомонӣ ва 94,9 млрд сомонӣ (суръати рушд 9,1 ва 8,6 фоиз) пешбинӣ шудааст.

Дар солҳои 2025-2027 дурнамои ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ мутаносибан 8,9 млрд доллари амрикоӣ, 9,3 млрд доллари амрикоӣ ва 9,7 млрд доллари амрикоӣ бо афзоиши воқеии 4,6 фоиз, 4,1 фоиз ва 4,8 фоиз пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла содирот дар соли 2025 ба маблағи 3,0 млрд доллари амрикоӣ (суръати афзоиши воқеӣ 13,0 фоиз) ва дар солҳои 2026-2027 мутаносибан 3,2 ва 3,5 млрд доллари амрикоӣ (8,0 фоиз ва 9,9 фоиз) ва ҳаҷми воридот дар соли 2025 ба маблағи 5,9 млрд доллари амрикоӣ (суръати афзоиши воқеӣ 0,9 фоиз) ва дар солҳои 2026-2027 мутаносибан 6,1 ва 6,2 млрд доллари амрикоӣ муайян шудааст.

Дар лоиҳа идомаи тадбирҳо вобаста ба ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетию андозӣ, ки ба таҳкими тамоюлҳои суботи макроиқтисодӣ равона карда шудаанд, идома дода мешаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии қисми даромад ва хароҷоти буҷетӣ дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025, дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҳаҷми 166,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 8,4 фоиз ва индекси дефлятори ин нишондиҳанда дар сатҳи 4,6 фоиз таҳия шудааст.




## III. Даромади буҷети давлатӣ

Дурнамои даромади буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат аз рӯйи тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар солҳои охир, аз ҷумла дар моҳҳои январ – августи соли 2024 ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасон таҳия гардида, дар он афзоиши сатҳи даромадҳо, таклифҳои маъмурони даромади буҷет ва ба муомилоти молиявӣ ворид гардидани бақияпулиҳои андозӣ ба инобат гирифта шудааст.

Дурнамои даромади буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2024, №328 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 - 2027» ва муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст.

Дар он чорабиниҳои барномаҳои қабулгардидаи давлатию соҳавӣ ва минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молию ашёӣ, афзалиятҳои стратегияи кишвар ва тамоюли рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир, ба инобат гирифта шудааст.

Дар заминаи рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба маблағи 49582,2 млн сомонӣ ё 29,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми он нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 6625,7 млн сомонӣ ё ба андозаи 15,4 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби даромадҳои андозию ғайриандозӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ сарчашма мегирад.

## Сохтори ҳаҷми умумии даромад




Даромади ҷории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 – 2027 аз ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2024, №7-ф ва дурнамои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар барои солҳои 2025 - 2027 таҳия шуда, дар он нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сатҳи тавварум, қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА, нақшаи сармоягузориҳои давлатӣ, даромади воқеии солҳои гузашта, баҳодиҳии нишондиҳандаҳои даромади буҷет дар соли 2024 ва дигар омилҳо ба инобат гирифта шудааст.

Самти асосии сиёсати андоз барои таъмин намудани рушди иқтисодиёт, самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ барои дастгирии соҳибкорони хурду миёна, бахши хусусӣ, содагардонии низоми андозбандӣ, кам кардани сарбории андоз ба субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ, инчунин коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ, васеъ намудани манбаъҳои андозбандӣ, роҳ надодан ба пайдо гардидани бақияпулиҳои нави андоз ва кам намудани бақияпулиҳои мавҷудаи андоз ба буҷет, равона карда мешавад.

Дар ин замина, дурнамои ислоҳоти андоз ҷиҳати ба равандҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ҷавобгӯй намудани низоми андозбандии кишвар ва ба ин васила ба шакли ягонаи муттаҳидкардашудаи электронӣ ба ҳисоб гирифтани амалиётҳои аз ҷониби андозсупоранда анҷомдодашаванда, ки ба зиёд гардидани манбаъҳои андозбандӣ мусоидат менамояд, афзалият дода шудааст.

Даромади ҷории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ барои соли 2025 ба маблағи 34284,3 млн сомонӣ ё баробар ба 20,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ гардидааст, ки он

нисбат ба нақшаи соли 2024 ба андозаи 21,7 банди фоиз ё ин ки 6115,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Воридоти андозӣ барои солҳои 2025 дар ҳаҷми 31816,2 млн сомонӣ муайян карда шуда, дар қиёс ба буҷети тасдиқшудаи соли 2024 ба маблағи 5468,5 млн сомонӣ ё 20,8 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи даромади андозӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 19,2 фоизро ташкил медиҳад.

Воридоти ғайриандозӣ ба буҷети давлатӣ барои соли 2025 ба маблағи 2468,1 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, афзоиши он 647,1 млн сомонӣ ё 35,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми он ба 1,5 фоизи ММД баробар мебошад.

Аз маблағи умумии даромади ҷорӣ 23879,0 млн сомонӣ ба даромадҳои дохилӣ (Кумитаи андоз, вазоратҳои молия ва корҳои дохилӣ) тааллуқ дошта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии даромад 69,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2024 ба маблағи 3144,0 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Пардохтҳои гумрукӣ (Хадамоти гумрук) барои соли 2025 дар ҳаҷми 10405,3 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии даромад 30,4 фоизро ташкил медиҳад ва дар қиёс ба нақшаи соли 2024 ба маблағи 1971,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дурнамои даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз рӯйи манбаъҳои андозбандӣ бо тариқи зайл пешбинӣ шудааст:

- дурнамои андоз аз даромади шахсони воқеӣ тибқи муқаррароти қонунгузории андоз, тамоюли иҷрои воқеии солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти маблағҳо дар соли 2024 ва нишондиҳандаи ҳисоби миёнаи музди меҳнат, даромад дар манбаи пардохт ва шумораи ҷойҳои нави кории ташкилшаванда муайян гардида, маблағи он барои соли 2025 бо дарназардошти зиёдшавии музди меҳнат дар ҳаҷми 4378,1 млн сомонӣ бо афзоиши 875,2 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, вазни қиёсии он нисбат ба ММД 2,6 фоиз мебошад;
- пешгӯии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (фоида) дар асоси нишондиҳандаҳои дурнамои макроиқтисодӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, маълумот доир ба нишондиҳандаҳои даромади андоз дар давоми чанд соли охир ва баҳодиҳии воридоти ин намуди андоз муайян карда шуда, дурнамо барои соли 2025 ба маблағи 4661,1 млн сомонӣ бо афзоиши 866,7 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, вазни қиёсии он дар ММД 2,8 фоизро ташкил медиҳад;
- андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи қонунгузории андоз, маълумоти оморӣ вобаста ба музди миёнаи номиналии меҳнат бо дарназардошти тамоюли иҷрои воқеии солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти соли 2024 ва афзоиши манбаъҳои андозбандишаванда, барои соли 2025 ба маблағи 2617,0 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, вазни қиёсии он нисбат ба ММД 1,6 фоиз буда, воридоти он дар буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба инобат гирифта мешавад;

- дурнамои андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ барои соли 2025 аз рӯйи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, амалиёти андозбандишаванда, таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо (ба истиснои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз ААИ озод) ва ба назар гирифтани сатҳи тавварум ба маблағи 5173,7 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки он дар муқоиса ба соли 2024 ба маблағи 842,4 млн сомонӣ зиёд аст. Вазни қиёсии он ба 3,1 фоизи ММД баробар мебошад;

- дурнамои воридоти андози аксизи дохилӣ ба маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол ва фурӯхташаванда дар асоси арзиши молҳои аксизии фурӯхташудаи зераксизӣ, мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июли соли 2018, №302 «Дар бораи меъёрҳои аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда», бо назардошти хизматрасониҳои соҳаи алоқаи барқӣ барои соли 2025 ба маблағи 451,6 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки он нисбат ба соли 2024 ба андозаи 17,1 фоиз ё ба маблағи 66,1 млн сомонӣ зиёд буда, 0,3 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад;

- андоз аз маҳсулоти фурӯш (алюминийи аввалия) дар доираи талаботи боби 47 Кодекси андоз аз рӯи объекти андозбандӣ муайян карда шуда, маблағи он барои соли 2025 ҳамагӣ 33,4 млн сомонӣ мебошад;

- андозҳо барои захираҳои табиӣ аз ҳисоби сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ мешаванд ва моле, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот мегардад, муайян карда шуда, дурнамои он барои соли 2025 дар ҳаҷми 1501,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 175,9 млн сомонӣ ё 13,3 фоиз зиёд аст;

- андозҳои маҳаллӣ (андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт) бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо (75 сомонӣ) ва сатҳи таваррум муайян карда шуда, дар соли 2025 воридот ба буҷет аз ҳисоби андозҳои қайдгардида 1300,1 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, дар қиёс ба соли 2024 ба маблағи 230,1 млн сомонӣ ё ин ки 21,5 фоиз зиёд мебошад;

- низоми махсуси андозбандӣ тибқи муқаррароти Кодекси андоз таҳия гардида, дурнамои он барои соли 2025 дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдор, иҷрои воқеии солҳои гузашта ва баҳодиҳии соли 2024 ба маблағи 1213,3 млн сомонӣ ё бо афзоиши 14,8 фоиз муайян карда шуда, ҳиссаи он дар ММД 0,7 фоиз мебошад;

- пардохтҳои гумрукӣ маҷмӯан барои соли 2025 дар асоси дурнамои нишондиҳандандаҳои асосии макроиқтисодӣ, аз ҷумла гардиши савдои хориҷӣ барои солҳои 2025 ва баҳодиҳии пешакии нишондиҳандаҳои молиявӣ ба маблағи 10405,3 млн сомонӣ бо афзоиши 23,4 фоиз муайян гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2024 ба маблағи 1971,3 млн сомонӣ зиёд буда, вазни қиёсии

он дар ММД - 6,3 фоиз ва даромади ҷории буҷети давлатӣ 30,4 фоизро ташкил медиҳад;

- аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашудаи берунӣ дар асоси дурнамои макроиқтисодӣ барои соли 2025 аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба маблағи 7917,2 млн сомонӣ бо афзоиши 1514,7 млн сомонӣ, аксизҳо аз молҳои зериаксизии воридшаванда ба маблағи 869,3 млн сомонӣ бо афзоиши 178,3 млн сомонӣ ва боҷҳои гумрукӣ ба маблағи 1448,6 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он нисбат ба соли 2024 ба андозаи 23,1 фоиз ё 271,6 млн сомонӣ зиёд мебошад;

- даромади ғайриандозӣ барои соли 2025 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо пардохтҳо ҳисоб ва ба буҷет ворид карда мешаванд ва воридоти ҳақиқии солҳои гузашта ба маблағи 2468,1 млн сомонӣ муайян карда шуда, афзоиши он нисбати соли 2024 ба маблағи 647,1 млн сомонӣ ва ҳиссаи он дар ММД 1,5 фоиз ва даромади ҷории буҷети давлатӣ 7,2 фоизро ташкил медиҳад.

Даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ дар асоси баҳодиҳии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ барои соли 2026 ба маблағи 38556,6 млн сомонӣ ё 20,6 фоизи ММД ва дар соли 2027 ба маблағи 43138,6 млн сомонӣ ё 20,4 фоизи ММД пешбинӣ шудааст.

## IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2025 ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии давлат ва озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати таълиму хизматрасонӣ, беҳтар гардонидани саломатии аҳолӣ, ҷиҳати рушди соҳаҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти идоракунӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва зиёд намудани иқтидорҳои энергетикӣ равона карда мешаванд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 51591,4 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ба 31,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар буда, нисбат ба буҷети соли 2025 ба маблағи 7483,4 млн сомонӣ зиёд мебошад.




Дар сохтори ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2025 хароҷот аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 37685,4 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 7404,1 млн сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ асосан аз ҳисоби зиёдшавии музди меҳнат, пардохтҳои иҷтимоӣ, нафақа ва идрорпулӣ ва хисматрасонии қарзи давлатӣ ба амал омадааст.




Фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 12976,7 млн сомонӣ бо афзоиши 35,7 фоиз пешбинӣ шуда, ҳаҷми он ба 7,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба андозаи 35,7 банди фоиз зиёд мебошад.

Дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 бо мақсади беҳтар намудани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дастгирии қишри осебпазирӣ аҳолӣ иловатан маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шуд.

## IV. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2025 барои маблағгузории соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 2204,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1588,2 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 312,9 млн сомонӣ ва барномаи сармоягузориҳои давлатӣ 303,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 371,8 млн сомонӣ ё 20,3 фоиз зиёд мебошад.




Барои хароҷоти сафарҳои хизматии хориҷӣ ва фрахти ҳавопаймо мувофиқан 15,0 млн сомонӣ ва 15,0 млн сомонӣ, маҷмӯан дар ҳаҷми 30,0 млн сомонӣ дар сатҳи соли ҷорӣ пешбинӣ карда шудааст.

Маблағҳои захиравии мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ дар маҷмуъ 9,0 млн сомонӣ аз он 6,0 млн сомонӣ захираи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ ва 3,0 млн сомонӣ хароҷоти нигоҳдории 40 воҳиди кории иловагӣ мақомоти прокуратура дар асоси розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 3,0 млн сомонӣ кам мебошад.

Бо мақсади фаъолгардонии нақши соҳибкорзанон дар иқтисодиёти кишвар, дастгирии давлатии занони соҳибкор ва дар ин замина беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №5 «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025» аз 29 апрели соли 2024, №257 ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон дар соли 2025 маблағи 5,0 млн сомонӣ барои пешниҳоди 120 грант ба нақша гирифта шудааст.

Тибқи қарори болозикр 10 фоизи ҳаҷми маблағҳои грант бо мақсади фаъолгардонии иштироки занон дар лоиҳаҳои ба тағийрёбии иқлим нигардонидашуда ҷудо карда мешавад.

Дурнамои маблағҳои махсуси мақомоти давлатӣ дар ҳаҷми 312,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2024 ба маблағи 45,5 млн сомонӣ ё 17,0 фоиз зиёд мебошад.

Дар баробари ин, нақшаи соҳаи мазкур аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 93,0 млн сомонӣ нисбат ба соли 2024 афзоиш ёфтааст.

## VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 хароҷоти умумии фаъолияти сиёсати беруна 390,5 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2024 дар ҳаҷми 8,03 млн сомонӣ, ё 2,1 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла хароҷот барои:

- нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа – 265,4 млн сомонӣ;
- пардохти аъзоҳаққии ҷумҳурӣ дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ – 68,4 млн сомонӣ;
- пардохти аъзоҳаққии ҷумҳурӣ дар назди сохторҳои ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра – 56,7 млн сомонӣ.

Дар сохтори хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна 68,0 фоизи маблағҳо барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, 17,5 фоиз барои пардохти ҳаққи аъзогӣ ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва 14,5 фоиз барои пардохти ҳаққи иштирок дар сохторҳои байнидавлатии ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра рост меояд.

Хароҷоти намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 265,4 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли ҷорӣ 9,04 фоиз зиёд мебошад.

Сабабҳои асосии зиёд гардидани хароҷоти нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, ин зиёдшавии музди меҳнат ва бозбинӣ гардидани дигар хароҷоти 15 намояндагии дипломатӣ ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба роҳ мондани маблағгузории Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Дубай ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати Кувайт, инчунин ифтитоҳии намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг ЮНЕСКО мебошад..

Инчунин, яке аз сабаҳои коҳишёбии сохтори ташкилотҳои байналмилалӣ ин пурра пардохт гардидани зиёдшавии саҳмияи сармояи умумӣ ва интихобии Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд мебошад.

## VII. Мудофиа ва бехатарии давлат

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 хароҷотҳо барои нигоҳдории қувваҳои мусаллаҳ, дигар қушунҳо, воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳаҷми 4724,1 млн сомонӣ бо афзоиши 982,7 млн сомонӣ нисбат ба буҷети соли 2024 пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми он 2,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Афзоиш асосан аз ҳисоби балоравии музди меҳнати кормандони соҳа пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар лоиҳа барои сохтмону азнавсозии иншоотҳои соҳаҳои мудофиаи миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва прокуратура аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ 202,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Инчунин, дар соҳаҳои мазкур воридоти маблағҳои махсус дар ҳаҷми 361,7 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

## VIII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Хароҷоти буҷети соҳаи иҷтимоӣ дар соли 2025 асосан равона карда мешавад ба татбиқи самтҳои афзалиятноки Ҳукумат дар соҳаи рушди сармояи инсонӣ тавассути таъмини иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ.

Стратегияи миллии рушд то соли 2030 афзалиятҳои зерини асосии рушди сармояи инсониро муайян мекунад:

(1) ислоҳоти системаи маориф ва илм;

(2) таъмини саломатии аҳолӣ дар заминаи сифати зиндагӣ,

(3) таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

(4) баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор,

(5) фароҳам овардани муҳити мусоиди зиндагӣ,

(6) паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ.

Хароҷоти давлатӣ барои бахшҳои иҷтимоӣ инчунин ба ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз қабили Ҳадафи 1 “Барҳам додани камбизоатӣ дар ҳама шаклҳои он дар ҳама ҷо”, Ҳадафи 3 “Таъмини ҳаёти солим ва мусоидат ба некӯаҳволии ҳама дар ҳама синну солҳо”, Ҳадафи 4 “Таъмини босифати таҳсилоти одилонаи фарогир ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумра барои ҳама”, Ҳадафи 5 “Ба даст овардани баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии ҳамаи

занону духтарон”, Ҳадафи 10 “Паст кардани нобаробарӣ дар дохили кишвар ва байни кишварҳо”.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2025 ба маблағи 23919,5 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки афзоиши он нисбат ба буҷети соли 2024-ум 4948,4 млн сомонро ташкил дода, ба 46,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва ҳамзамон ба 14,4 фоизи ММД баробар мебошад.

Барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 20576,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 54,6 фоизи хароҷоти ҷории маблағҳои буҷетӣ баробар мебошад.

Дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ маблағҳои махсус 1889,2 млн сомонӣ ва маблағҳои грантию қарзӣ 1454,3 млн сомониро ташкил медиҳад.




**Соҳаи маориф ва илм**

Хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии рушди соҳаи маориф, аз қабили баланд бардоштани дастрасии таҳсилот барои тамоми табақаҳои аҳолӣ, таълими босифат ва тайёр кардани мутахассисон дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва фарогирии ҳамаи сатҳҳо равона карда шудааст. таълим аз муассисаи томактабӣ то мактаби олӣ, аз ҷумла таҳсилоти иловагӣ ва такмили ихтисос.

Дар доираи ноил шудан ба Ҳадафи 4 рушди устувор «Таъмини босифати таҳсилоти одилонаи фарогир ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумра барои ҳама» хароҷоти буҷет ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

4.1 Таҳсилоти ройгони ибтидоӣ ва миёна

4.2 Дастрасии баробар ба таълими босифати томактабӣ

4.3 Дастрасии баробар ба таҳсилоти дастраси касби ва олӣ

4.4 Афзоиши шумораи одамоне, ки дорои малакаҳои устувории молиявӣ мебошанд

4.5 Барҳам додани ҳамаи нобаробарӣ дар соҳаи маориф

4.6 Қобилияти васеъи хондан ва навиштан

4.7 Таҳсилот барои рушди устувор ва шаҳрвандии ҷаҳонӣ

4.a Ташкил ва такмил додани муассисаҳои таълимии дастрас ва бехатар

4.b Зиёд кардани шумораи стипендияҳои таҳсилоти олӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ

4.c Шумораи муаллимони соҳибихтисос дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ зиёд карда шавад.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2025 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба маблағи 10909,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2024–ум 2677,6 млн сомонӣ ё ин, ки 32,5 фоиз афзоиш ёфта, 21,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 6,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ 1260,4 млн сомонӣ ва маблағҳои грантию қарзӣ 803,0 млн сомонӣ мебошад.

Буҷети соҳаи маориф дар соли 2025 аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне рушди соҳа ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои он бо таҷҳизоту лавозимоти таълимӣ таҳия гардида, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва омода намудани шароити мусоид барои таҳсил мусоидат хоҳад намуд, аз ҷумла барои нигоҳдории:

| Зинаҳои таҳсилот | Шумораи муассисаҳо (адад) | Шумораи кӯдакон, хонандагон, донишҷӯён (нафар) | Шумораи кормандон, омӯзгорон, мураббиён (нафар) | Маблағҳои равонагардида ба ин самт (млн сомонӣ) | Афзоиш нисбати соли 2024 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| Таҳсилоти томактабӣ | 562 | 91772 | 18707 | 606,9 | 21,9 |
| Таҳсилоти умумӣ | 3830 | 2201438 | 217446 | 6195,9 | 35,6 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 62 | 19900 | 4128 | 165,7 | 35,8 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 58 | 40596 | 4211 | 410,5 | 13,0 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 32 | 184184 | 19933 | 1511,9 | 22,1 |
| Муассисаҳои дигар | 673 | | 13161 | 2017,6 | 39,9 |
| Ҳамагӣ: | 5217 | 2537890 | 277586 | 10908,5 | 32,5 |

Дар баробари ин, дар соли оянда барои:

–додани қарзҳои имтиёзнок бо мақсади баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавон – 2,0 млн сомонӣ;

–чопи китобҳои дарсӣ – 52,3 млн сомонӣ;

–тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон –260,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо меъёри (сарикасӣ) ба сари ҳар як хонанда ва ҳар як мактаб пешбинӣ карда мешавад, дар соли 2025 бо дарназардошти афзоиши шумораи кудакону хонандагон ва меъёрҳои амалкунанда ба нақша гирифта шудааст. Барои ин мақсад, дар буҷети давлатии соли 2025 барои фаъолияти муассисаҳои томактабӣ маблағи 560,4 млн сомонӣ ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 6471,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2024-ум 1989,4 млн сомонӣ ё 39,5 фоиз зиёд мебошад.

Аз маблағи умумии соҳа 6381,7 млн сомониро музди меҳнат ва 248,9 млн сомонӣ идрори соҳа дар соли 2025 ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли 2024 мутаносибан 1918,1 млн сомонӣ ва 67,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Зиёдшавии мазкур дар робита ба иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 “Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни

давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия”, мебошад.

Инчунин, барои барномаҳои давлатии соҳа 66,7 млн сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣбарои солҳои 2021-2025 20,9 млн сомонӣ, Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 1,6 млн сомонӣ, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 7,2 млн сомонӣ, Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 3,0 млн сомонӣ, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англиси дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 6,4 млн сомонӣ, Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021-2025 580,0 ҳазор сомонӣ, Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 18,8 млн сомонӣ, Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 1,3 млн сомонӣ, Барномаи давлатии рушд ва таҳкили заминаи илмию таҷрибавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 1,5 млн сомонӣ, Стратегияи рушди муассисиа давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 3,6 млн сомонӣ ва Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 1,8 млн сомонӣ.

Илова ба ин, ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори матрисаи Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолӣ ва Кумита оид ба таҳислоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таъмир ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мутаносибан 6,0 млн сомонӣ ва 14,0 млн сомонӣ, ҷамъ 20,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардид, ки нисбат ба соли 2024 8,0 млн зиёд мебошад.

Барои маблағгузории соҳаи илм дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2025 маблағи 302,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 76,8 млн сомонӣ ё 34,1 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин ҳам бошад зиёдшавии музди меҳнат дар ҳаҷми 40 фоиз ба инобат гирифта шудааст.

## Соҳаи тандурустӣ

Маблағгузории соҳаи тандурустӣ ба татбиқи самтҳои афзалиятноки дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ инъикосёфта, аз ҷумла таҳкими саломатии аҳолии кишвар ва фароҳам овардани муҳити солим тавассути фарогирии ҳамаҷонибаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хизматрасониҳои дастрас ва босифати тиббӣ равона карда шудааст.

Хароҷоти соҳа барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 4329,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2024-ум 840,2 млн сомонӣ ё 24,1 фоиз зиёд буда, 8,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар таркиби буҷети соҳаи тандурустӣ барои соли 2025 ҳиссаи маблағҳои буҷетӣ 3545,3 млн сомонӣ (81,8) барномаҳои сармоягузории давлатӣ 386,1 млн сомонӣ (10,5 фоиз) ва маблағҳои махсуси муассисаҳои тандурустӣ 397,7 млн сомонӣ (9,1 фоиз)-ро дар ташкил медиҳад.

Барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти беморхонаҳо 1911,1 млн сомонӣ, дармонгоҳҳо 187,0 млн сомонӣ, муассисаҳои ҳифзи сиҳатии аҳолӣ 599,0 млн сомонӣ, муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ 1140,6 млн сомонӣ ва дигар муассисаҳои фаъолияткунанда дар соҳаи тандурустӣ 491,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2025 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ 2731,3 млн сомонӣ бо афзоиши 717,9 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2613,4 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 117,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади таъмини афзалиятҳои аввалиндараҷаи соҳа дар буҷети давлатӣ барои соли 2025, ҷиҳати эмгузаронии аҳолӣ барои харидорӣ намудани ваксинаҳо 38,0 млн сомонӣ, барои таъмини марказҳои хун бо халтачаҳои хунгирӣ 18,0 млн сомонӣ, барои маводҳои контрасептивӣ 1,3 млн сомонӣ, ҷарроҳии нуқсони модарзодии дил 4,5 млн сомонӣ, ҷарроҳии дилу рагҳо 2,0 млн сомонӣ, тестҳои очилӣ барои ташхиси ВНМО 5,5 млн сомонӣ, барои харидории инсулин ҷиҳати таъмини беморони гирифтори касалии диабети қанд 6,5 млн сомонӣ, харидории доруворӣ барои беморони сил 7,0 млн сомонӣ, бемории гепатит 2,0 млн сомонӣ, барои хариди ҷузъҳои хун 1,5 млн сомонӣ, барои гузаронидани диализи хун 2,0 млн сомонӣ, бо маводҳои иммуносупресантӣ таъмин намудани беморони

пайвандсозии гурда 10,5 млн сомонӣ, барои таъмини доруворӣ ба беморони мубталои бемории гемофилия 2,4 млн сомонӣ, харидори маводҳои дорувории нашъаовар ва психоиропикӣ, хамчунин барои чорабинии сафарбарӣ 0,5 млн сомонӣ, барои муоличаи бемории саратон (кимиёдармонӣ) 6,0 млн сомонӣ ва барои харидори намудани эндопротезҳо 0,7 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Инчунин, барои Фонди эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2025 ҷиҳати пешгирӣ ва табобати бемории пандемияи коронавирус маблағи 5,6 млн сомонӣ, аз ҷумла барои музди меҳнат 400,0 ҳазор сомонӣ, захираҳои моддию молӣ 5,1 млн сомонӣ ва дигар хароҷотҳои марбут ба пешгирӣ ва табобати бемории болозикр 206,2 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар лоиҳаи буҷети давлати барои соли 2025 ҷиҳати пардохти хизматрасонии Корхонаи давлатии "Заводи протезию ортопедӣ" ва хариди таҷҳизот ба маъюбон 11,1 млн сомонӣ пешбинӣ карда шуда, нисбат ба соли 2024 ба маблағи 2,0 млн сомонӣ ва ё 20,0 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои тиббӣ 397,7 млн сомониро ташкил менамояд, ки воридоти он аз ҳисоби иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ба нақша гирифта шудааст.

Маблағҳои ҷалбшаванда ба соҳа аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ маблағи 386,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015, тахти № 827 давра ба давра дар тамоми муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ маблағгузории сарикасӣ ҷорӣ карда шуд, ки мақсади асосии ҷорӣ намудани механизми мазкур ин аз рӯйи меъёрҳои тасдиқгардида баробар ва боадолатона тақсим намудани маблағ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Бо дарназардошти зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва меъёри маблағгузории сарикасӣ ҳаҷми маблағҳои пешбинишаванда ҳамасола тамоюли афзоиш дорад.

**Соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

Буҷети соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2025 аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне таҷдиди технология ва таъмини маҳсулоти протезию ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ, ислоҳот дар раванди дастгирии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ислоҳот дар соҳаи нафақа таҳия гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ ва таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пардохти музди меҳнат, нафақа, ҷубронпулиҳо ва дигар кумакпулиҳои иҷтимоӣ равона мегардад.




Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба принсипҳои инсондустӣ, суроғавӣ будан ва таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон асос ёфта, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки маҷмӯи кафолатҳои иҷтимоӣ ва чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани онҳоро дар бар мегирад ва ба таъминоти аҳолӣ бо сатҳ ва сифати зиндагии арзанда, инчунин таъмини манбаи муайяни даромад ба аҳолие, ки бо сабабҳои гуногун наметавонанд мустақилона даромад гиранд, аз ҷумла нафақахӯрон, бекорон, маъюбон, бепарасторон, пиронсолон, оилаҳои камбизоату серфарзанд ва модарони яккаву танҳо.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2025 ба маблағи 6962,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 1428,7 млн сомонӣ ё 25,8 фоиз афзоиш ёфта, 13,5 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Дар ин робита, танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати нигаҳдорӣ ва фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон, калонсолон, пиронсолон, маъюбон, санаторияю профилакторияҳо ва дигар муассисаҳои ёрирасон – 152,5 млн сомонӣ, татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат– 273,2 млн сомонӣ ва иловапулӣ ба нафақаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва шахсони ба онҳо баробар карда шуда маблағи 0,1 млн сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ба шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ озод шуда, инчунин шаҳрвандоне, ки собиқаи кории аз 18 моҳ камтар дошта, ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд барои пардохти

кӯмакпулӣ 23,9 млн сомонӣ пешбини карда шудааст, ки кумапулии мазкур то соли 2020 аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохт карда мешуд.

Инчунин, бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232 ба кудакони маъюби то сини 16-солаи гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам 5,0 млн сомонӣ кумакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон ва кӯдакони маъюб барои марказҳои будубоши рӯзона – 16,4 млн сомонӣ, бо мақсади пардохти ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд» 25,3 млн сомонӣ ва ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ва ёрии яквақтаина ба хоҷагиҳое, ки аз ҷойҳои хавфнок ва хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ кӯчонида мешаванд 7,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2025 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ 145,1 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ буда, он ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроия сиёсати давлатиро дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа амалӣ менамояд.

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2025 аз рӯйи даромад ба маблағи 5557,6 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 5526,8 млн сомониро ташкил медиҳад.

Хароҷоти он тибқи замимаи 3-и лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025” дар ҳаҷми ба маблағи 5557,6 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз маблағи мазкур барои пардохти нафақаҳо 5148,6 млн сомонӣ, барои пардохти кумакпулиҳо 350,0 млн сомонӣ, барои иҷрои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 23,2 млн сомонӣ, ташкили истироҳати тобистонаи кудакон ва наврасон, ки ба ҳиссаҷудокунии 1,5 фоиз дастраси надоранд 4,6 млн сомонӣ ва дигар хароҷотҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 31,3 млн сомонӣ (хизматрасонии бонкӣ) пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади пушонидани касри буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи 30,8 млн сомонӣ мусоидати молиявӣ пешбинӣ гардидааст.

## Соҳаи фарҳанг ва варзиш

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2025 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба маблағи 1718,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2024-ум 2,1 млн сомонӣ 0,1 фоиз зиёд мебошад, 3,3 фоизи ҳаҷми умумии

хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи фарҳанг 52,2 млн сомонӣ ва маблағҳои грантӣ ва қарзӣ 143,8 млн сомониро ташкил медиҳад.

Буҷети соҳаи фарҳанг ва варзиш барои рушди варзиш, аз ҷумла чорабиниҳои варзишӣ, чорабиниҳо оид батарбияи ҷисмонӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ, телевизионҳо, матбуоти даврӣ, нашриётҳо ва дигар муассисаҳое, ки гузаронидани чорабиниҳои умумиҷумҳуриявиро амалӣ мегардонад, равона карда шудааст.

Маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш барои соли 2025 дар ҷадвал нишон дода шудааст:

| **Номгӯи муассисаҳо** | **Шумораи муассисаҳо (адад)** | **Шумораи кормандон, (нафар)** | **Маблағҳои пешбинигардида (млн сомонӣ)** | **Афзоиш нисбати соли 2024 (%)** |
|---|---|---|---|---|
| Чорабиниҳои варзишӣ | 1 | 103 | 32,2 | 13,0 |
| Чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ | 0 | 0 | 13,2 | 334,1 |
| Китобхонаҳо | 77 | 3486 | 88,6 | 27,8 |
| Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо | 75 | 1045 | 42,4 | 22,8 |
| Муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва дилхушӣ | 1010 | 8760 | 333,9 | 9,6 |
| Телевизион ва радиошунавонӣ | 23 | 2543,55 | 332,1 | 35,2 |
| Матбуоти даврӣ ва нашриёт | 93 | 1216 | 49,5 | 24,1 |
| Муассисаҳои дигар | 97 | 8031 | 826,9 | -16,6 |

Аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба тариқи кӯмаки молиявӣ (субсидия) муассисаҳои театрию консертӣ, матбуоти даврию (чопию) нашриётӣ, рузномаву маҷаллаҳо ва воситаи ахбори омма (ВАО) маблағгузорӣ карда мешаванд. Инчунин дигар соҳаҳои истеҳсолии фарҳанг, ки тавассути Созишномаву Шартномаҳо аз буҷет ба тариқи кӯмаки молиявӣ (субсидия) маблағгузорӣ карда мешаванд.

Маблағгузории субсидия дар асоси «Тартиби намунавии банақшагирии хароҷоти муассисаю ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба тариқи кумаки молиявӣ (субсидия) маблағгузорӣ карда мешаванд» аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба онҳо танҳо хароҷоти пардохти фонди музди меҳнат ва хизматрасониҳои коммуналӣ пешбинӣ карда мешавад.

Барои ин мақсад дар лоиҳаи буҷети соли 2025 маблағи 119,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 дар ҳаҷми 27,7 млн сомонӣ ё ин ки 30,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети соҳа маблағгузории барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди соҳаи табу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, Барномаи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии халқи тоҷик, Барномаи рушди санъати шашмақом, фалак “усто-шогирд”, Барномаи рушди забони давлатӣ, Барномаи рушди телевизион ва радио, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон, ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд дар ҳаҷми 48,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

## IX. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

Ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафҳои стратегии кишвар арзёбӣ гардида, зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Бинобар ин, дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 15171,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 9,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт асосан аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои беруна ташаккул ёфта, 12927,0 млн сомонӣ ё 85,2 фоизи хароҷоти умумии соҳаро ташкил медиҳад.




**Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал**

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1866,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ 1113,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 77,7 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 675,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 70,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.




Дар соли 2025 бо мақсади пешбурди фаъолияти Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ҷиҳати таъмини чорабиниҳои коммуналӣ вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот, беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 1581,4 млн сомонӣ, аз он буҷети ҷумҳуриявӣ 74,4 млн сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 961,2 млн сомонӣ ва лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 545,8 млн сомонӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар самти

таъмини назорати истифодаи захираҳои олами набототу ҳайвонот ва таъмини назорати ҳудудҳои махсуси муҳофизатшаванда аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 47,8 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 40,9 млн сомонӣ, лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 130,0 млн сомонӣ ва барои ба танзим даровардани заминҳои фонди давлатии ҷангал ба Агентии ҳоҷагии ҷангал аз ҳисоби буҷет 28,8 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 9,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои татбиқи Барномаи рушди соҳаи ҷангал маблағи 4,3 млн сомонӣ ва Барномаи давлатии парвариши павлония 1,1 млн сомонӣ, Барномаи давлатии рушди мамнуъгоҳи “Дашти Ҷум” 323,0 ҳазор сомонӣ ва Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряххои Тоҷикистон 1,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист, амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 675,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 30,3 млн сомонӣ кам мебошад.

Дар хароҷоти умумии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ 181,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2024 ба 3,4 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## Соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат дар соли 2025 барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикии кишвар 8406,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2903,3 млн сомонӣ, барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ 5498,3 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 4,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2024 ба қадри 283,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.



Барои амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соли 2025 ба соҳаи мазкур 5498,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2024 ба маблағи 276,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар доираи маблағҳои пешбинишуда амалӣ гардидани афзалиятҳои муҳими соҳа, аз ҷумла:

- пурра намудани фонди оинномавии ҶСК «НБО Роғун»;
- сохтмону барқарорсозии системаи энергетикӣ ва сохтмони дигар нерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна;
- гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва иктишофӣ дар соҳаҳои истихроҷи нафту газ, дар назар дошта шудааст.

Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона намудани 2881,7 млн сомонӣ ҳамчун маблағҳои мутамарказ ба нақша гирифта шудааст.

## Соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор

Ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 маблағи 1426,9 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 343,3 млн сомонӣ, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 1053,0 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 30,6 млн сомонӣ, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 2,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

**Хароҷоти соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор**




Дар соли 2025 барои амалӣ намудани барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маблағи 57,6 млн сомонӣ, аз ҷумла барои барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ 2,5 лизингӣ ва ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 30,0 млн сомонӣ, Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ 1,1 млн сомонӣ, чорабиниҳои мубориза бар зидди малах 6,4 млн, чорабиниҳои муҳофизати итегратсонии зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор 4,0 млн сомонӣ, барномаи

рушди гиодезия ва харитасозӣ 5,4 млн сомонӣ, барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда 9,4 млн сомонӣ, барномаи беҳтаркунии ҳолати чарогоҳҳо 700,0 ҳазор сомонӣ ва барномаи рушди соҳаи харгушпарварӣ 300,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Барои соҳаи мазкур ҷиҳати пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии чорво ва татбиқи иҷрои Барномаи соҳавӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ дар маҷмӯъ 63,7 млн сомонӣ аз ҷумла, барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва азхудкунии заминҳои нави обёришавандаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 16,2 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 11,2 млн сомонӣ, ВМКБ 164,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Турсунзода 105,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Ваҳдат 90,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рӯдакӣ 90,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ҳисор 83,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Шаҳринав 85,0 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Файзобод 62,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соли 2025 маблағи 1052,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 38,5 млн сомонӣ кам мебошад.

Барои соҳаи кишоварзӣ маблағгузориҳои асосии мутамарказ дар ҳаҷми 40,4 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ барои нигоҳдории муассисаҳо, пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ дар пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ, пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои Агентӣ инчунин барои татбиқи Барномаҳои соҳа дар умум маблағи 129,4 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла барои пардохти қувваи барқи пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ 42,1 млн сомонӣ, пардохти музди меҳнати кормандон 64,6 млн сомонӣ, барои нақша чорабиниҳои барномаҳои соҳавӣ 19,8 млн сомонӣ ва дигар хароҷоти ҷории корҳонаҳо 2,9 млн сомонӣ.

Ҳамзамон, дар лоиҳа ҷиҳати гузаронидани корҳои кадастри замин, топографӣ, корҳои геодезӣ ва харитасозӣ, аэрокайҳонӣ ва корҳои делимитатсия ва демаркатсионии сарҳади давлатӣ бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва нигоҳдории дастгоҳи марказӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 37,8 млн сомонӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 29,9 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 7,9 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Хусусан барои татбиқи барномаи рушди гиодезия ва харитасозӣ 5,4 млн сомонӣ аз ҷумла барои иҷрои корҳои топографӣ, геодезӣ ва корхои харитасозӣ, маълумоти фазоӣ, аэрокайҳонӣ ва корҳои делимитатсия ва демаркатсионии

сарҳади давлатӣ бо дар назардошти иҷрои корҳои демаркатсионии сарҳади давлатӣ бо ҷумҳурҳои пешбинӣ гардидааст.

### Соҳаи саноат ва сохтмон

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 бо мақсади рушди соҳаҳои саноату сохтмон 337,1  млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 322,0 млн сомонӣ ва махсус 15,1 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 27,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии маблағҳои пешбинигардида асосан барои пешбурди фаъолияти КМКДЧ "Тиллои Тоҷик" ва амалӣ намудани Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2031 дар назар аст.




Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди соҳаи саноат ва сохтмон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона намудани 162,9 млн сомонӣ ҳамчун маблағҳои мутамарказ ба нақша гирифта шудааст.

### Соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия

Бо дарназардошти раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ дар соли 2025 ҳаҷми умумии харочот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба маблағи 2993,9 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 847,4 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 33,4 млн сомонӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 2113,1 млн сомонӣ, ки маҷмӯан нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблағи 536,7 млн сомонӣ ё 15,2 фоиз кам мебошад.




Дар соҳаи нақлиёт татбиқи лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ ба маблағи 2113,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2024 ба маблағи 625,8 млн сомонӣ кам мебошад.

Барои таҷдиду азнавсозии роҳу купрукҳо аз ҳисоби маблағгузории асосии мутамарказ 311,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

## X. Маблағгузориҳои асосии мутамарказ

Маблағҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар доираи «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯйи соҳаҳо барои солҳои 2025-2027» ва дигар барномаҳои соҳавию минтақавӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2025 ба маблағи 5063,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 4061,1 млн сомонӣ ва аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ 1002,2 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки маҷмӯан нисбат ба соли 2024 ба маблағи 158,0 млн сомонӣ ё 3,2 фоиз зиёд мебошад.

Аз рӯйи соҳаҳои буҷети давлатӣ барои сохтмони иншоотҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ 1144,2 млн сомонӣ ё 22,6 фоиз, воқеии иқтисодиёт 3586,8 млн сомонӣ ё 70,8 фоиз ва дигар соҳаҳо 332,3 млн сомонӣ ё 6,6 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷоти асосии мутамарказ равона карда мешавад.

Сармоягузориҳои асосии мутамарказ барои сохтмони иншооти дорои аҳамияти муҳиму стратегии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт равона карда мешаванд.

## XI. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

Маблағгузории лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соли 2025 аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо ба андозаи 11373,9 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби

маблағҳои қарзӣ 4460,4 млн сомонӣ, маблағҳои грантӣ 6716,8 млн сомонӣ ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 196,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 216,9 млн сомонӣ ё 1,9 фоиз коҳиш ёфтааст.




Бояд қайд намуд, ки дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар доираи татбиқи 68 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ (бе дар назардошти ҳиссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ) азхудкунии маблағҳо дар ҳаҷми 11177,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 233,2 млн сомонӣ ё 2,0 фоиз кам мебошад.

Ҳиссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии болозикр 196,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он лоиҳаҳои дар марҳилаи тайёрӣ қарордошта 90,0 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар кишвар сол то сол тақвият дода шуда, дар 8 моҳи соли 2024 18 созишномаи қарзию грантӣ барои татбиқ гардидани 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 460,0 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд.

Инчунин, дар соли 2025 азхудкунии қисми асосии маблағҳо дар як қатор лоиҳаҳои сароягузории давлатии калонҳаҷм пешбинӣ шудааст, аз ҷумла:

- Лоиҳаи Идомаи сохтмони Рогун – 2385,9 млн сомонӣ;
- Лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқи (CASA – 1000) – 724,1 млн сомонӣ;
- Лоиҳаи таҷдиду барқарормозии қитъаи роҳи мошингарди Қалаихумб – Ванҷ 580,9 млн сомонӣ;
- Лоиҳаи беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, БРАМОМ-4 – 425,4 млн сомонӣ;
- Лоиҳаи баландбардории устувории кишоварзӣ 290,4 млн сомонӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст.

## XII. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2025 хизматрасонии қарзи давлатӣ ба маблағи 5876,4 млн сомонӣ пешбини шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2024-ум 1623,2 млн сомонӣ, ё ин ки 38,2 фоиз зиёд мебошад.

Аз ин маблағ барои хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2025 дар маҷмӯъ 4155,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардид, ки ин нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2024 дар ҳаҷми 1 467,8 млн сомонӣ зиёд мебошад, аз ҷумла:

- хизматрасонии қарзи беруна 3976,9 млн сомонӣ;
- хизматрасонии қарзи дохилӣ 178,7 млн сомонӣ.




Дар соли 2025 дар доираи хизматрасонии қарзи беруна дар маҷмӯъ 3976,9 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин барои пардохти қарзи асосӣ 3005,0 млн сомонӣ (нисбат ба соли 2024 ба маблағи 1533,1 млн сомонӣ зиёд) ва фоизи истифодабарии қарз 971,9 млн сомонӣ (нисбат ба соли 2024 ба маблағи 63,2 млн сомонӣ кам) равона мегардад. Ин маблағ нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 1469,9 млн сомонӣ ва ё 58,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, пардохти қарзи асосии берунаи давлатӣ дар ҳаҷми 1400,3 млн сомонӣ аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ, ки барои рушди онҳо таҳти кафолати давлатӣ маблағҳои қарзӣ ҷалб гардидаанд, ба нақша гирифта шудааст.

Сабаби зиёд гардидани маблағи хизматрасонии қарзи беруна аз худ намудани қарзҳои ҷалбнамуда аз ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ба итмом расидани муҳлати имтиёзнок ва оғози пардохти қарзи асосӣ, асосан пардохти қарзи асосии евробондҳо, инчунин фарқияти дурнамои қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари амрикоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2025 ҳаҷми маблағҳои бардошти захиравии қарзи беруна барои идоракунии хавфи фарқияти қурби асъор ва хавфи пардохт нагардидани қарзҳо, ки бо кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбгардидаанд 47,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Барои хизматрасонии қарзи дохилӣ дар соли 2025 маҷмуан ба маблағи 499,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 178,7 млн сомонӣ ва маблағҳои берун аз тавозуни буҷети давлатӣ, яъне аз ҳисоби иҷора ва фурӯши молу мулки ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ба маблағи 320,4 млн сомонӣ муайян гардидааст. Сабаби кам гардидани ҳаҷми қарзи дохилӣ асосан аз ҳисоби пардохт гардидани қарзи асосӣ ва фоизҳои векселҳои давлатӣ дар назди Бонки миллӣ мебошад.

## XIII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

Дар соли 2025 ҳаҷми умумии даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 21091,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ 19899,2 млн сомонӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷет 1192,0 млн сомониро (аз ҳисоби Бонки Осиёии Рушд дар ҳаҷми 596,0 млн сомонӣ ва Бонки Умумиҷаҳонӣ дар ҳаҷми 596,0 млн сомонӣ) ташкил дода, нисбат ба соли 2024-ум 4045,7 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар сохтори даромадҳои ҷорӣ воридоти андозҳо 17573,4 млн сомонӣ ё 83,3 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2025 ба 23011,5 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2024-ум 4851,9 млн сомонӣ ё 26,7 фоиз зиёд мебошад.

Касри буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2025 маблағи 1920,3 млн сомониро ташкил медиҳад.



## XIV. Буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2025 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ 14921,6 млн сомонӣ муайян гардидааст, ки нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 2593,0 млн сомонӣ ё 21,0 фоиз зиёд мебошад.

Барои пардохти фонди музди меҳнат аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) дар ҳаҷми 2898,7 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Вазни хоси мусоидати молиявӣ (субвенсия) 19,6 фоизи хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 1060,1 млн сомонӣ (57,7 фоизи нақша) ё вазни хоси он 3,5 банди фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар буҷети ВМКБ 2,0 фоиз, дар вилояти Хатлон 6,5 фоиз, ноҳияҳои Варзоб 5,8 фоиз, Рашт 2,9 фоиз, Ҳисор 17,7 фоиз, Лахш 3,2 фоиз, Нуробод 1,2 фоиз, Рӯдакӣ 5,2 фоиз, Сангвор 4,5 фоиз, Тоҷикобод 2,5 фоиз, Файзобод 2,5 фоиз ва ноҳияи Шаҳринав 5,4 фоизро ташкил медиҳад.

Омилҳои асосӣ ин таъсири зиёдшавии фонди музди меҳнати соли 2024 мебошад.

Дар лоиҳаи буҷети соли 2025 касри буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби вилоят ва ноҳияҳои субвенсионӣ 88,9 млн сомонӣ муайян гардидааст. Аз ҷумла, касри буҷет дар ВМКБ 7,5 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 54,0 млн сомонӣ, шаҳри Ваҳдат 4,8 млн сомонӣ, Турсунзода 3,9 млн сомонӣ, ноҳияҳои Варзоб 1,2 млн сомонӣ, Рашт 1,9 млн сомонӣ, Ҳисор 4,1 млн сомонӣ, Лахш 1,2 млн сомонӣ, Нуробод 1,2 млн сомонӣ, Рудакӣ 4,7 млн сомонӣ, Сангвор 616,0 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 798,0 ҳазор сомонӣ, Файзобод 1,6 млн сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 1,5 млн сомониро ташкил медиҳад.

Манбаи пӯшонидани касри буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби бақияи озод ба ҳолати 1 январи соли 2025 ва таъмини иҷрои барзиёдии даромади буҷети маҳаллӣ муайян карда шудааст.

Ҳиссагузорӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2025 дар ҳаҷми 3153,4 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2024 ба маблағи 370,4 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2025 ба маблағи 14755,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 3334,2 млн сомонӣ ё 29,2 фоиз зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ фонди музди меҳнат 71,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаи буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2025 маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ бо дар назардошти сармоягузории асосии мутамарказ ба маблағи 12354,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 83,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро ташкил медиҳад, аз ҷумла маблағгузории соҳаи маориф дар

ҳаҷми 8053,5 млн сомонӣ, соҳаи тандурустӣ 3464,5 млн сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ 86,5 млн сомонӣ, фарҳанг ва варзиш ба маблағи 750,3 млн сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2025 маблағгузории сохтмони асосӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ 1002,2 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати соли 2024 ба маблағи 97,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## XV. Касри буҷет

Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2025 касри буҷети ҷорӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,2 фоиз ё 2009,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Касри васеи буҷети давлатӣ бо дарназардошти баргардонидани қарзи давлатӣ 3730,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби касри ҷорӣ 2009,2 млн сомонӣ, пардохти қарзи асосии берун аз тавозуни буҷет 1400,7 млн сомонӣ ва пардохти қарзи асосии дохилӣ 320,4 млн сомониро ташкил дода, ба 2,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Манбаъҳои пӯшонидани касри ҷорӣ ба маблағи 2009,2 млн сомонӣ дар соли 2025 ба таври зайл муайян карда шудаанд:

- аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ 50,0 млн сомонӣ;
- аз фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ - 415,0 млн сомонӣ;
- аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 - 100,0 млн сомонӣ;
- иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ - 500,0 млн сомонӣ;
- аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 805,3 млн сомонӣ;
- сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ – 50,0 млн сомонӣ;
- иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 - 88,9 млн сомонӣ.

Манбаъҳои пӯшонидани касри васеи буҷет аз ҳисоби қарзи асосии беруна ба маблағи 1400,3 млн сомонӣ ба таври зайл муайян карда шудааст:

- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» - 1237,0 млн сомонӣ;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» - 16,0 млн сомонӣ;
- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» - 6,0 млн сомонӣ;
- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ» - 10,3 млн сомонӣ;
- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» - 28,4 млн сомонӣ;
- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 54,8 млн сомонӣ;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 47,8 млн сомонӣ.

## XVI. Шарҳи дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027

Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2027 давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2025 буда, дар ин давра сиёсати буҷети давлатӣ пеш аз ҳама бо мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ, ислоҳоти маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, мақомоти идораи давлатӣ ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Дар соли 2026 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо афзоиши воқеии 8,0 фоиз 187,5 млрд сомонӣ ва дар соли 2027 бо афзоиши воқеии 8,2 фоиз 211,2 млрд сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи солонаи номиналии он 7,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра меъёри индекси дефлятор дар доираи афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба инобат гирифта шуда, дар соли 2026 ба андозаи 4,5 фоиз ва соли 2027 бошад ба андозаи 4,2 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар ин робита, дар соли 2026 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 53422,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 39056,7 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 3029,9 млн сомонӣ, аз ҳисоби қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 11335,7 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 28,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Инчунин, дар соли 2027 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 57626,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 43738,7 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 3085,8 млн сомонӣ, аз ҳисоби қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 10801,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 27,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

### Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2026–2027 пеш аз ҳама ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии амнияти давлат ва бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар гардонидани саломатии аҳолӣ, баланд бардоштани хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ, таъмини маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, мақомоти идоракунӣ ва бехатарии давлатӣ ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2026 ба маблағи 54922,5 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 40756,7 млн сомонӣ,

маблағҳои махсус 2830,1 млн сомонӣ ва барномаи давлатии сармоягузорӣ 11335,7 млн сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст, ки ба 29,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2027 бошад 59315,8 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 45628,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2886,0 млн сомонӣ ва барномаи давлатии сармоягузорӣ 10801,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 28,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

**Касри буҷет**

Касри буҷет дар соли 2026 ба андозаи 0,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 1500,3 млн сомонӣ ва дар соли 2027 бошад, ба андозаи 0,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 1689,6 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Манбаъҳои пӯшонидани он аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, дар бозори молиявӣ зиёд намудани фурӯши коғазҳои қимматнок, ҷалби маблағҳои грантии барномавӣ аз институтҳои байналмилалии молиявӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ ва иҷрои барзиёди даромади буҷети давлатӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027 нишондиҳандаҳои назоратӣ буда, дар доираи онҳо бояд мақомоти идоракунии давлатӣ, барномаҳои амалкунандаи соҳавӣ ва барномаҳои нави пешниҳодшударо тарҳрезӣ намоянд.

Дар баробари ин, мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, тибқи талаботи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти он таҷдиди назар карда мешаванд.